# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод гардидааст

Ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон ҳамчун рукни мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф шудааст. Вазифаи асосии он ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд мебошад. Дар давлати ҳуқуқбунёд, бе фаъолияти судӣ таъмини қонуният ва адолат ғайриимкон аст. Адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз тарафи суд амалӣ карда мешавад. Дар маҷмӯъ, ҳокимияти судӣ кафили ниҳоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад ва бе фаъолияти самарабахш ва мустақили он, ташаккули ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд ғайриимкон аст.

Вазифаи суд на танҳо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, балки ҳифзи манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат мебошад, ки дар Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эълон шудаанд.

Давлати ҳуқуқбунёд бе ҳокимияти судии мустақил ва қавӣ вуҷуд дошта наметавонад. Танҳо суд метавонад қонунро воло гардонад ва фаъолияти дигар шохаҳои ҳокимиятро дар чаҳорчӯбаи қонун нигоҳ дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз зумраи он мавзуъҳое мебошад, ки дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҷанбаҳои назариявӣ, амалӣ ва дигар паҳлуҳои илмии нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Дар воқеъ нақши суд дар таъмини адолати иҷтимоӣ, ки онро Конститутсия вазифаи муқаддаси давлат медонад, ҳалкунанда аст. Қарорҳои судӣ дар парвандаҳои маданӣ (гражданӣ), оилавӣ ва меҳнатӣ барои барқарор кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ, ҳуқуқҳои кӯдакон ва ҳуқуқҳои меҳнатӣ замина мегузоранд. Дар парвандаҳои ҷиноятӣ бошад, нақши он боз ҳам муҳҳимтар ва ҳамчун мақомоти татбиққунандаи адолати судӣ равшантар мебошад.

Нақши ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар амал низ аҳамияти бунёдӣ дорад.

Дар рисолаи илмии баррасишаванда мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ ба таври зарурӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмет) таҳқиқот, муаяйн карда шуда, асосҳои методологии таҳқиқот ва заминаҳои эмпирикӣ дар шакли мукаммал истифода гардидааст. Тавсияҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ифода менамояд. Муҳимтар аз ҳам дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ функсияҳои асосии ҳокимияти судӣ таҳлил карда шуданд.

Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар он мақсад, вазифа ва пайдарҳамии мантиқӣ дида мешавад. Дар маҷмӯъ, автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон бо моҳият ва мазмуни хоси илмӣ, асосҳои мантиқӣ, масъалагузорӣ бо риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур натиҷаи кори мустақилонаи муаллиф буда, натиҷаҳои он ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ, қонунгузорӣ ва муҳимтар аз ҳама фаъолияти ҳокимияти судӣ метавонад мусоидат намояд.

Дар баробари натиҷаҳои назараси илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ҳамзамон масъалаҳои норӯшан низ ба назар мерасанд, ки дар хусуси онҳо дақиқтар истода мегузарем.

Аз ҷумла, унвонҷӯ дар доираи зербоби сеюми боби якуми рисолаи илмӣ, ки «Мафҳум, моҳият ва намудҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифтааст, иброз мегардад, ки рисоланавис масъалаи марбут ба мафҳуми ҳимояи судии ҳуқуқи инсонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Вале мушаххас дар зербоби мазкур мафҳуми ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дида намешавад. Аз ин рӯ, муаллифро зарур аст, ки ҳангоми ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба масъалаи мазкур андешаи хешро иброз намояд. Лозим ба ёдоварист, ки эроди мазкур ба сатҳи илмӣ ва мазмуни баланди таҳқиқоти диссертатсионии мазкур таъсиргузор намебошад.

Автореферати рисолаи илмии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267

тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-
ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ Қодирзода Ғ.Н.

Суроға: 734042, 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Шоҳмансур, куч. Айнӣ 6/2, хонаи 4,
Почтаи электронӣ: golibjon2020@mail.ru
Телефон: (+992) 939926875

Имзои Қодирзода Ғ.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

30.09.2025

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов – 3,
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: avkdtj@mail.ru
Телефони корӣ: (+992 37) 226-60-42